*ТДУ 82.09 (575.3)*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-134-138*

***ЛЕКСИЯ – КОНФЕРЕНСИЯИ МАТБУОТ ҲАМЧУН УСУЛИ НАВИ ТАЪЛИМ ДАР ТАҲСИЛОТИ ЖУРНАЛИСТӢ***

***Саидхоҷаева Маликахон Алиевна,*** *н.и.ф., дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ "ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ЛЕКЦИЯ-ПРЕСС-КОНФЕРЕНЦИЯ КАК НОВЫЙ МЕТОД ОБУЧЕНИЯ В ЖУРНАЛИСТСКОМ ОБРАЗОВАНИИ***

***Саидходжаева Маликахон Алиевна****, к.ф.н., доцент кафедры журналистики и теории перевода ГОУ «ХГУ имени акад. Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

***LECTURE – PRESS CONFERENCE AS A NEW METHOD OF LEARNING IN JOURNALISM EDUCATION***

***Saidkhojayeva Malikakhon Alievna****, candidate of philological sciences, assistant professor of the journalism and theory of translation department of SEI "KSU named after acad. B.Gafurov (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *msafss0007@gmail.com*

***Вожаҳои калидӣ:*** *лексия – конференсияи матбуот, метод, таълим, иттилоот, воситаҳои таълим, фанҳои журналистӣ, муаллим ва толибилмон*

*Мақола ба вижагиҳои истифодаи лексия – конференсияи матбуот ҳамчун усули нави таълим дар таҳсилоти журналистӣ бахшида шуда, муаллиф кӯшидааст дар бораи метод, махсусияти ин навъи лексия ва афзалияти корбурди он дар ҷараёни таълим ва тадриси фанҳои журналистика маълумот пешниҳод намояд. Қайд мешавад, ки лексия – конференсияи матбуот аз анвои лексия дарс маҳсуб ёфта, нақши асосиро дар омӯзиши донишҷӯёни риштаҳои омӯзгорӣ дорад ва истифода аз он дар давраи омӯзишӣ барои тасаллут бар бархе нукоти тахассусӣ, мурури мавзӯи мавриди баҳс дар дарс муносиб мебошад. Хулоса мешавад, ки маъруфтарин ва маъмултарин таснифоти анъанавии усулҳои таълим ин гурӯҳбандии методҳо аз рӯи манбаи азхудкунии дониш (манбаъҳои интиқол ва дарки иттилоот) мебошад, ки лексия – конференсияи матбуот аз анвои тозаи он ба ҳисоб меравад.*

***Ключевые слова****: лекция-пресс-конференция, метод, обучение, информация, средства обучения, предмет журналистики, учитель и ученик*

*Статья посвящена особенностям использования лекции-пресс-конференции как нового метода обучения в журналистском образовании, и автор постарался предоставить информацию о методе, особенностях данного вида лекции и преимуществах его использования в курсе преподавания в целом и преподавания предметов журналистики в частности. Отмечается, что лекция-пресс- конференция как новый вид лекции-урока играет ключевую роль в обучении студентов- журналистов, а её использование в процессе обучения целесообразно для освоения некоторых нюансов специальности, повторения обсуждаемой на занятии темы. В заключение отмечается, что наиболее популярной и традиционной классификацией методов обучения является классификация по источнику получения знаний (источникам передачи и понимания информации), новым типом которой считается лекция-пресс-конференция.*

***Key words:*** *lecture-press conference, method, teaching, information, teaching aids, teacher and student*

*The article is devoted to the peculiarities of using the lecture-press conference as a new method of teaching in journalism education, and the author tried to provide information about the method, the features of this type of lecture and the advantages of its use in the course of teaching and teaching journalism subjects.In conclusion, we note that the most popular and traditional classification of teaching methods is the classification of methods according to the source of knowledge (sources of transmission and understanding of information).*

Калимаи «метод» аз забони юнонӣ ба забони русӣ иқтибос шудааст, маънои роҳ, роҳи расидан ба ҳадаф, ҳалли масъалаи мушаххасро дорад. Методи таълим тарзи фаъолияти муштараки муаллим ва толибилмон, ки ба ҳалли вазифаҳои таълим, инкишоф ва тарбиявӣ нигаронида шудааст.

Метод, усул ва воситаҳои таълим бо ҳам алоқамананд. Онҳо бо тағйир ёфтани мақсад ва мазмуни таълим инкишоф меёбанд, яъне хусусияти таърихӣ доранд. Педагоги амрикоӣ К. Керр вобаста ба воситаҳои мавҷудаи таълим соли 1972 чор «инқилоб»-ро муайян намуд, ки ба тағйир додани усулҳои таълим таъсири калон расониданд:

1) вақте ки муаллим – волидайн бо устодони касбӣ ҷой иваз карданд;
2) ҳангоми ҷойивазкунии калимаҳои шифоҳӣ ба хаттӣ;
3) воридшавии калимаҳои чопӣ дар раванди таълим;
4) компютеркунонии соҳаи маориф [4, с. 239].

Дар давраи Эҳё, ки мақсади таълиму тарбия дар заминаи ташаббус ва фаъолият, азхудкунии бошууронаи дониш ташаккули шахсияти инсон вобаста буд, аз он вақт инҷониб, афзалият ба усулҳои фаъоли таълим дода мешавад. Ҷонибдорони усулҳои фаъоли таълим педагогҳои машҳур, пайравони равияи инсондӯстӣ-гуманистон Я. А. Коменский, К. Д. Ушинский, Л. Н. Толстой ва дигарон буданд. Ҳамин тариқ, рушди усулҳои таълим аз репродуктивӣ ба усулҳои баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагон пеш рафтааст.

Маъруфтарин ва маъмултарин таснифоти анъанавии усулҳои таълим ин гурӯҳбандии методҳо аз рӯи манбаи азхудкунии дониш (манбаъҳои интиқол ва дарки иттилоот) мебошад. Се манбаи асосии иттилоот вуҷуд дорад: калима, визуализатсия, фаъолияти амалӣ. Мутобиқи онҳо муаллифони ин таснифот Е. А. Голант, Н. М. Верзилин, И. Т. Огородников, Е. И. Петровский усулҳои таълимро ба се гурӯҳ: аввал, усулҳои шифоҳӣ, ки манбаи иттилоот аз калимаҳои шифоҳӣ ё чопӣ иборатанд; дуюм усулҳои визуалӣ-аёнӣ - манбаи иттилоот, объектҳои мушоҳидашавандаи воқеӣ мебошанд, ки ба онҳо муаррифинома, тасвирҳои тахтаи интерактивӣ ва дигар асбобҳои аёнӣ дохил мешаванд; гурӯҳи сеюм, усулҳои амалии таълим, ки дониш, малака ва маҳорати шогирдон дар ҷараёни иҷрои дарсҳои амалӣ ташаккул меёбанд [4].

Лексия яке аз методҳои асосии таълим маҳсуб ёфта, ба гурӯҳи усулҳои шифоҳии таълим шомил аст. Истилоҳи "лексия" аз калимаи лотинии "lection" - хондан гирифта шудааст. Лексия дар Юнони Қадим пайдо шуда, инкишофи минбаъдаи худро дар асрҳои миёна дар Рими Қадим гирифтааст. Лексия дар макотиби олӣ дар давраи омӯзиш звенои асосии дидактика мебошад. Мақсади он ба ташаккул додани заминаи нишондиҳандаи донишҷӯён барои азхудкунии минбаъдаи маводи таълимӣ нигаронида шудааст.

Адабиёти педагогӣ номгӯйи талаботро ба лексия асоснок мекунад, ки дар байни онҳо муҳимтаринашон: илмият ва мазмуни маълумот, овардани факту далел, мавҷудияти миқдори кофии мисолҳои равшан, боварибахш, ҳуҷҷатҳо ва далелҳои илмӣ, шакли эмотсионалии баромадҳо, фаъол гардонидани тафаккури шунавандагон, ба миён гузоштани саволҳо барои мубоҳиса; сохтори амиқ ва ифшои пайдарпайи масъалаҳои мантиқан ба миён гузошташуда; коркарди методӣ – ҳосил намудани идеяҳои асосӣ ва муқаррарот, таъкиди хулосаҳо, такрори онҳо дар шакли ибораҳои гуногун; муаррифӣ бо забони дастрас ва равшан, боз равшанӣ бахшидан ба истилоҳот ва номҳои ҷорӣ; то ҳадди имкон истифода бурдани маводи таълимии аудиовизуалӣ.

Талаботи номбаршуда ба сифати меъёрҳои асосии лексия арзёбӣ шуданд. Бояд қайд кард, ки ҳар як меъёр бо рейтингҳо тавсиф мешавад. Аз ҷумла, меъёрҳои зерин ва нишондиҳандаҳои онҳо чунин қайд гардиданд:

1) қисмати ташкилӣ – ба ин қисмат эълони мавзуи лексия, ҳадаф, муносибат ва ҳавасмандгардонии фаъолияти донишҷӯёнро дар бар мегирад, яъне хусусияти мотиватсионӣ-рағбатнокиро доро аст;
2) мазмуннокӣ – риояи мазмуни лексияро дар назар дорад, нақшаи таълимӣ ва барномаи кории фан, ташкили дохилӣ ва робитаи байнифаннӣ, хулоса, моҳияти илмии мазмуни лексия;
3) методӣ – мавҷудияти нақшаи лексионӣ ва шакли онро инъикос мекунад, мувофиқат ва дастрасии пешниҳоди мавод, усулҳои ташаккули мафҳумҳои нави илмӣ дар мафкураи донишҷӯён, методҳои гуногуни дар лексия истифодашаванда, корбурди воситаҳои визуализатсия (аёният – ВТТ)-и мавод (муаррифӣ, проектор, тахтаи электронӣ ё интерактивӣ);
4) дониш ва сатҳу савияи лектор – маданияти нутқ, қобилияти муқаррар кардани тамос бо аудитория, услуби муаррифиро дар бар мегирад;
5) таъсир ва натиҷаи лексия – дараҷаи ноил шудан ба ҳадафро дар назар дорад.

Дар ҷараёни таълим як қатор вазъиятҳо ба амал меоянд, лекин лексияро бо ягон шакли дигари дарс иваз кардан мумкин нашояд ва нақши ин намуди дарс дар таълими донишҷӯён ниҳоят назаррас аст.

Лексия дар ҷараёни тадрис якчанд вазифаи навбатиро иҷро мекунад:

– иттилоотӣ (маълумоти зарурирో медиҳад);

– ҳавасмандкунанда (шавқро нисбат ба мавзӯъ бедор мекунад);
– тарбиявӣ;
– ташаккулдиҳанда (ба ҳодисаҳо баҳо медиҳад, тафаккурро инкишоф медиҳад);
– ориентативӣ (дар масъала, дар адабиёт),
– тавзеҳотӣ (пеш аз ҳама ба ташаккули асосии консепсияҳои илм нигаронида шудааст),
– эътимодбахш (бо таваҷҷуҳ будан ба низоми далелҳо).

Бо назардошти мақсаднокӣ, дараҷаи илмӣ ва аз рӯи вазифаҳои дидактикӣ, усули пешниҳоди мавод намудҳои зерини лексияҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Бо мақсадҳои умумӣ: таълимӣ, тарғиботӣ, тарбиявӣ, маърифатӣ, рушдӣ.
2. Аз рӯи дараҷаи илмӣ: академӣ ва оммавӣ.
3. Аз рӯи вазифаҳои дидактикӣ: муқаддимавӣ, ҷорӣ, ҷамъбастӣ-умумӣ, обзорӣ, лексияҳои машваратӣ, лексияҳои визуалӣ (бо элементи мукаммали аёнӣ).
4. Аз рӯи усули пешниҳод намудани мавод: бинарӣ-вебинарӣ ё лексия-сӯҳбат (муколамаи ду муаллим, ки мавқеъҳои гуногунро дифоъ мекунанд).

Вақтҳои охир тамоюли озоди интихоб кардани лектор аз ҷониби донишҷӯён мушоҳида мешавад, ки масъалаи маҳорати лекториро мубрам ва серталаб мегардонад. Аз маҳорати муаллим ба истифодаи максималии имкониятҳои потенсиалии ин шакли пешқадами таҳсилоти олӣ вобаста аст.

Лексия – конференсияи матбуот аз анвои лексия-дарс маҳсуб ёфта дар таълими донишҷӯёни ихтисосҳои журналистика нақши калидӣ дорад ва истифодаи он дар ҷараёни таълим барои азхудкунии баъзе нозукиҳои ихтисос, баррасии мавзуи муҳокимашавандаи дарс мувофиқи мақсад аст. Дар ин навъи лексия омӯзгор дар оғози дарс мавзуи навро муаррифӣ карда, аз донишҷӯён хоҳиш мекунад, ки оид ба мавзуъ саволҳои хаттӣ пешниҳод намоянд. Давоми ду-се дақиқа донишҷӯён саволҳои ҷолибтаринро таҳия мекунанд ва онро ба муаллим месупоранд, омӯзгор бошад дар ду-се дақиқаи кӯтоҳ онҳоро аз ҷиҳати фарогирии мазмун ва мундариҷа ба навъҳо ҷудо мекунад ва ба лексия шурӯъ мекунад. Лексия тавре пешниҳод мешавад, ки ба саволҳо ҷавоб намедиҳад, балки дар шакли матни мураттаб, ҳангоми баррасии мавод тибқи саволҳои донишҷӯён тартиб дода мешаванд. Дар қисмати ҷамъбасти лексия муаллим ҷавобҳоро ҳамчун инъикоскунандаи шавқу ҳавас ва дониши донишҷӯён таҳлил мекунад.

Ин намуди лексияро метавон дар чунин мавридҳо истифода кард, ки ба манфиати кори таълим мебошад:

• пеш аз баррасии мавзуъ, яъне барои муайян кардани талабот, манфиатҳои гурӯҳ ё муносибату имкониятҳои донишҷӯён;
• дар байни дарс, вақте ки ҳадафи он ҷалби донишҷӯён ба лаҳзаҳои калидӣ ва ба низом даровардани дониши онҳо маҳсуб меёбад;
• дар қисмати ҷамъбаст — муайян кардани дурнамои инкишофи азхудкунии мазмуни мавзуъ аз тарафи донишҷӯён.

Пеш аз гузаштан ба тавсифи истифодаи усули лексия-конференсияи матбуот дар дарси “Журналистикаи иттилоотӣ” бешубҳа, қайд кард, ки ин усули дарсро ба шаклҳои интерактивии таълим дохил кардан мумкин аст. Донишҷӯён аз ин усули дарс мақсади онро нағз мефаҳманд ва дар баррасии мавзуъ фаъолона иштирок мекунанд, дар нақши меҳмони даъватшуда, ки аз талаботи пресс-конференсия бармеояд, образи муаллимро қабул намуда, дар нақши рӯзноманигорон – намояндагони воситаҳои ахбори омма аҳли аудиторияи донишҷӯёнро ташкил медиҳанд. Лексия-конференсияи матбуот ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки ба масъалаи омӯхташавандаи мавзуъ, фарз кардем оид ба “Махсусияти жанри репортаж” бо вазифаҳои мушаххас муносибат кунанд: тайёрии қаблӣ дидан, нақш интихоб карда муаррифӣ кардан ва дуруст савол тартиб доданро ёд мегиранд. Албатта, нақши муаллим низ фаъол мемонад, ӯ ба донишҷӯён ёрӣ мерасонад, саволҳои онҳоро таҳрир ва мушаххас менамояд, интизоми иштирокчиёни конфронс, яъне донишҷӯёнро назорат мебарад.

Акнун мегузарем ба масъалаи роҳҳои ташкили лексия-конференсияи матбуот дар гурӯҳи академӣ, зеро дар аудиторияи таълимӣ мо метавонем ҳам дар шакли умумӣ ва ҳам дар намуди бозӣ ин намуди дарсро гузаронем. Варианти аввал, ин истифодаи элементҳо, яъне лаҳзаи ҷудогонаи пресс-конфронси матбуотӣ ҳангоми мустаҳкамкунии мавзуи нави дарс. Ин ташаббус омодагии пешакиро талаб намекунад, бинобарон метавонад дар гурӯҳҳои муқаррарӣ барои инкишофи нутқи мураттаби донишҷӯён мусоидат намояд. Масалан, пас аз хондани матни репортаж аз рӯзнома, ки ба қаҳрамонии як шахсияти маъруф бахшида шудааст, ки ӯ метавонад

нависанда, оҳангсоз, сиёсатмадор, коргардон, олим бошад ва аз донишҷӯён даъват мешавад, ки барои қаҳрамони матн саволҳои ҷолиб таҳия кунанд.

Варианти дуюми ташкили лексия-конференсияи матбуот тайёрии қаблиро талаб мекунад, зеро он дар дарси алоҳида пас аз иҷрои супориши хонагӣ гузаронида мешавад. Одатан ин формат хусусияти универсалӣ дорад, зеро он барои таҳсил низ мувофиқ буда, ҳангоми фаҳмонидани мавзуи нав ва барои машғулиятҳои ҷамъбастӣ аз рӯи барномаи кории таълимӣ (силлабус) дар ҳафтаи 16-уми таҳсил мувофиқ меояд. Ин шакли конфронси матбуотӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки маълумотро дар хона мустақилона омӯзанд (ё такрор кунанд), ба низом оваранд ва натиҷаҳои кори мустақилонаи худро дар асоси нановарӣ ва далелҳои мӯътамаднок ба синф пешниҳод кунанд.

Тавре таъкид рафт, варианти дуюм тайёрии пешакӣ талаб мекунад. Қисме аз гурӯҳ рӯзноманигороне, ки нашрияи онҳоро намояндагӣ мекунанд, дигарӣ ташкилотчӣ ва сеюмӣ қаҳрамони барнома мешаванд. Вақте ки нақшҳо таъин мешаванд, пас вазифаҳои ҳар як гурӯҳ шарҳ дода мешаванд. Вазифаи ташкилкунанда гузаронидани чорабинӣ – таҳияи матни муқаддимавӣ, иттилоъ додан аз мушкилот ва доираи масъалаҳо, муаррифии меҳмонон, кормандони ВАО ва гузаронидани муколама аз рафти конфронс. Вазифаи қаҳрамон ҷавоб додан ба саволҳо дар бораи хислати ӯ бо истифода аз донишҳои мавҷуда мебошад. Ва ниҳоят, вазифаи донишҷӯён, ки ба сифати намояндагони ВАО-и гуногун баромад мекунанд, пешниҳоди саволҳои пешакӣ омодакардаи худ аз дарсҳои пешина ва дар ҷамъбасти дарс-конференсия таҳияи як маводи иттилоотӣ дар қолаби жанрҳои гузориш, мусоҳиба ё мақола аз тарафи ҳар як донишҷӯ ба таври инфиродӣ мебошад.

Намунаи дигари корбасти усули лексия-конференсияи матбуот ҳангоми тадриси фанни “Трэвел-журналистика” дар мавзуи “Қоидаҳои асосии кори трэвел-журналистони муосир” мувофиқи мақсад буда, дар таҷрибаи омӯзгорон манфиатбахш арзёбӣ мегарданд. Дар доираи мавзуи мавриди зикр донишҷӯён дар бораи зодгоҳи худ нақлҳои ҷолиб менависанд ва ин маълумотро дар дарси КМРО ҳар яке дар нақши ҳокими минтақаи худ ба конференсияи матбуот иттилоъ мерасонанд. Сипас, донишҷӯён ба сифати рӯзноманигорон саволҳои иловагиро дар мавриди системаи мактабу маориф, вазъи нақлиёт ва хизматрасонии дигари маишӣ бонавбат пурсон мешаванд.

Ин шакли истифодаи метод ба муаллим имкон медиҳад, ки дар донишҷӯён маҳорати нутқи шифоҳиро инкишоф диҳад. Ҳамин нуктаро дар назар дошт, ки донишҷӯён ин вазифаро бо камоли ғайрат иҷро мекунанд. Шавқи на танҳо посух гуфтан ва пурсидан ба мусоҳиб, балки дар вазъияти бозӣ системаи саволу ҷавоб ҷорӣ гардида, ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки ба супориш эҷодкорона муносибат кунанд, лексикаи зарурииро истифода баранд, дар бораи он чизе, ки ба онҳо наздик аст, сӯҳбат кунанд ва нисбат ба дигар иштирокчиёни чорабинӣ, яъне ҳамсабақон таваҷҷуҳи хос зоҳир намоянд.

Ҳамин тариқ, манфиатҳои усули лексия-конференсияи матбуотро барои донишҷӯ-толибилм чунин даврабандӣ кардан мумкин аст:

– муоширати эҷодии лектор бо шунавандагон (аудитория), ҳамкории эҷодӣ ва мутақобилаи онҳо;

– лексия пресс-конференсия як методи хеле сарфакоронаи ба даст овардани асосҳои умумии дониш мебошад;

– ҷанбаи равониро фаъол мегардонад, агар онро донишҷӯён хуб дарк намоянд ва бодиққат гӯш кунанд, аз ин рӯ вазифаи омӯзгор, яъне лектор аз он иборат аст, ки диққати донишҷӯёнро фаъол намуда, бевосита фикри онҳоро ба мавзуи матраҳшаванда ҷалб менамояд.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Алехин, А.Ю. Общие методы обучения в школе / А. Ю. Алехин. – К.: Радянська школа, 1983. – 244 с.
2. Давыдов, В.В. Теория развивающего обучения / В. В. Давыдов. – М.: ИНТОР, 1996. – 544 с.
3. Загвязинский, В. И. Теория обучения: Современная интерпретация: Учебное пособие для вузов. 3-е изд., испр. / В. И. Загвязинский. – М.: Академия, 2006. – 192 с.
4. Сластенин, В.А. и др. Педагогика. Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений / В. А. Сластенин, И.Ф. Исаев, Е. Н. Шиянов; Под ред. В. А. Сластенин. – М.: Издательский центр "Академия", 2013. - 576 с.
5. Сухомлинский, В.А. Сердце отдаю детям / В. А. Сухомлинский. – Киев, 1969. – С. 83.

REFERENCES :

1. Alekhin, A. Yu. General methods of teaching at school / A. Yu. Alekhin. – K.: Radyanskaya school, 1983. – 244 p.
2. Davydov, V.V. Theory of developmental training / V.V. Davydov. – M.: INTOR, 1996. – 544 p.
3. Zagvyazinsky, V.I. Theory of learning: Modern interpretation: Textbook for universities. 3rd ed., rev. / V. I. Zagvyazinsky. – M.: Academy, 2006. – 192 p.
4. Slastenin, V. A. Pedagogy. Textbook aid for students higher ped. textbook institutions / V. A. Slastenin, I.F.Isaev, E. N. Shiyanov; Ed. V. A. Slastenin. – M.: Publishing center "Academy", 2013. - 576 p.
5. Sukhomlinsky, V.A. I give my heart to the children / V. A. Sukhomlinsky. – Kyiv, 1969. – P. 83.